ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 пешниҳод шудааст

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф ба яке аз масъалаҳои муҳими паразитологияи ветеринарӣ – ҳифзи чорвои калони шохдор аз бемориҳои тавассути канаҳо интиқолёбанда бахшида шудааст. Пироплазмидозҳо метавонанд ба ҳолати умумӣ ва маҳсулнокии ҳайвонот таъсири манфӣ расонида, дар минтақаҳои барои фаъолияти канаҳои иксодӣ мусоид бештар паҳн гарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши вазъи паҳншавии бемориҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки табобату пешгирии онҳо аҳаммияти назаррас дорад.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи гузошташударо аз якчанд ҷиҳат мавриди тадқиқ қарор додааст. Дар минтақаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ намудҳои асосии барангезандагон, аз ҷумла *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, ошкор гардида, хусусиятҳои паҳншавӣ ва шаклҳои гуногуни инвазия муайян шудаанд. Дар баробари ин, таркиб ва паҳншавии канаҳои иксодӣ омӯхта шуда, робитаи онҳо бо интиқоли барангезандагони бемориҳо ба назар гирифта шудааст.

Навгониҳои тадқиқот асосан бо ќисмати таҷрибавии кор ба арзёбии воситаҳои табобат ва пешгирӣ равона гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада оид ба истифодаи доруҳои зиддипротозойӣ ва маводи инсектоакаритсидӣ имкониятҳои амалии мубориза бо бемориҳоро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, ҳангоми санҷиши ваксинаи заифкардашудаи зидди тейлериоз аз штамми S15-и *Theileria annulata* дар шароити таҷрибавӣ самаранокии 100% ба даст оварда шудааст.

Қимати амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд ҳамчун асос барои такмили чораҳои пешгирикунанда, назорати канаҳои иксодӣ ва ташкили муборизаи маҷмӯавӣ бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор истифода шаванд. Истифодаи усулҳои гуногуни тадқиқот, аз ҷумла эпизоотоолгӣ, клиникӣ, паразитологӣ, лабораторӣ ва таҷрибавӣ барои ба даст овардани маълумоти нисбатан пурра мусоидат кардааст.

Диссертатсия дар 154 саҳифа иҷро гардида, сохтори он муқаддима, таҳлили адабиёт, мавод ва усулҳо, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокима, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад. Дар кор 13 зерфасли тадқиқоти хусусӣ, 11 ҷадвал ва 3 расм ҷой дода шуда, 273 сарчашмаи адабиёт, аз ҷумла 62 манбаи хориҷӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои асосӣ дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудаанд.

Аз рӯйи мазмун, мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои бадастомада, тадқиқот ба ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат намуда, масъалаҳои марбут ба

барангезандагони бемориҳои паразитӣ, интиқолдиҳандагон, паҳншавӣ, ташхис, табобат ва пешгирии онҳоро фаро мегирад.

Хулоса

Автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич тадқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ва аҳаммияти амалии мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти мазмун, навгонии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Мудири кафедраи физиологияи нормалии
Донишгоҳи давлатии тиббӣ ба номи Абуалӣ
ибни Сино, доктори илмҳои биологӣ Холбекиён М.Ё.
02 октябри соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, кӯчаи Ломаносов 141/2,
ҳуҷраи 28. **Тел.:** 9342668110;
Почтаи электронӣ: m.kholbegov@mail/ru

Имзои Холбекиён М.Ё.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ
«ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», н.и.т. Сафарзода Б.И.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н.Сино, кӯчаи Сино 29-31
Тел.: (+992)-446-600-3977, 2353496;
Факс: 2243687;
Почтаи электронӣ: E-mail: info@tajmedun.tj
02 октябри соли 2026